**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ёров Акмал Боронович дар мавзуи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ**

Таҳсилоти ҷомеаи муосирро бе истифодаи технологияи инноватсионӣ хусусан технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ (ТИИ) тасаввур кардан номумкин аст. Ҷомеаи технологӣ бо суръат рушд ёфта истодааст ва ин густариш дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз муассисаҳои томактабӣ шуруъ гардида истодааст. Бояд қайд намуд, ки фарҳанги техникӣ бо суръати тез инкишоф ёфта, мавриди таҳқиқу такмил гардида, таваҷҷуҳи ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ, фаъолияти касбию тарзи ҳаётгузаронии одамонро тағйир дода, сарчашма, роҳ, усул ва яке аз воситаҳои таъсиррасонӣ дар амалияи аз худ кардани дониш, маҳорату малака, шаклгирии ҷаҳонбинӣ, дигаргуншавии тарзи ҳаётгузаронии хурду бузурги ҷомеаи муосир гардидааст. Мавзуи таҳқиқоти муҳаққиқ Ёров А.Б. ба яке аз масъалаҳои калидии ин раванд – истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Бояд қайд кард, ки асосҳои ташкилию ҳуқуқии муассисаҳои томактабӣ дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф ҳамчун зинаи аввали низоми маорифи Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Мақсад ва муҳтавои мазмун ва шаклҳои ташкили корҳои таълиму тарбиявӣ ва рисолати иҷтимоӣ-педагогии онҳо дар Стандартҳо, барномаи таълиму тарбиявӣ барои кӯдакон аз рӯзи таваллуд то ба мактаб қадам ниҳодан аз нигоҳи илмию амалӣ баррасӣ ба кормандони муассисаҳои томактабӣ, волидайни кӯдакон ва кулли

шахсони масъули соҳа арзёбӣ гардидаанд. Инчунин масъалаҳои фарогирии кӯдакон ба ин соҳа, рушди теъдоди муассисаҳои томактабии шаклҳои гуногуни моликият, беҳдошти сифати кори таълиму тарбиявӣ дар маркази диққати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон, махсусан Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон гардида истодааст. Талаботи пешрафти ҷомеа, рушди кӯдакони муосир зери таъсири шароитҳои ҷаҳонишавӣ, болоравии талаботҳои мактаб ба сатҳи донишу тасаввурот, маҳорату малакаҳои донишомӯзӣ зарурияти таҳқиқу баррасии таъсири ТИИ ба раванди таълиму тарбиявии кӯдаконро талаб менамояд.

Муҳаққиқ Ёров А.Б. бо назардошти мақсаду вазифаҳои муассисаҳои томактабӣ дар таълим, тарбия ва инкишофи шахсияти кӯдакон кӯшиш намудааст, ки воридсозии технологияи иттилоотӣ-иртиботии муосирро ҳамчун роҳ, усул, воситаи баланд бардоштани сифати таҳсилоти кӯдакон, яъне раванди таъсиррасонии мақсадноки мураббияҳо бо донишу тасаввурот, маҳорату малакаҳои кӯдакон таҳқиқу баррасӣ намояд. Иҷрои ин амал дар татбиқи мақсадҳои дар пешистода саривақтӣ ва муҳим аст. Кӯдакони имрӯзаи ҷомеа аз истифодаи ТИИ дар канор буда наметавонанд ва дар ҷомеа ҳар як навгониҳои техникӣ диққати онҳоро ба худ ҷалб мекунад, таваҷҷуҳ ва шавқу рағбати азхудкунии маълумоту донишҳои нав пайдо мегардад, ки онҳоро бояд калонсолон бо таври мақсаднок, саривақт ва арзишманд қонеъ гардонанд.

Муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, ки донистану истифода бурдани усулу воситаҳои анъанавӣ, ки солҳо чун каломи таъсиррасонӣ қабул шудаанд, имрӯз барои муассисаҳои таълимӣ басанда нест. Тарбиядиҳанда бояд технологияи истифодабарии маводи иттилоотӣ ва иртиботиро аз худ намуда, онҳоро минбаъд дар раванди машғулиятҳои таълимӣ бозиҳои омӯзишӣ, истироҳату фароғат; солимгардонии ҷисму руҳи кӯдакон истифода барад.

Хеле назаррас аст, ки масъалаи идоракунии муассисаҳои томактабӣ бо истифодаи ТИИ махсус таъкид гардидааст, зарурият ва роҳи амалӣ гардонидани онро вобаста ба сохтори муассисаҳои томактабӣ дар расм пешниҳод намудаанд. Иҷрои ин амал ба муассиса барои минбаъд таъмин намудани муҳити ягонаи иттилоотӣ мусоидат мекунад.

Дар таҳқиқот интихобу истифодаи намудҳои ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синну солии кӯдакони синни томактабӣ, имконияту шароити мавҷуда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Арзишмандии ҳар яки онҳо вобаста ба соҳаҳои омӯзиш: инкишоф додани нутқ, ташаккулдиҳии тасаввуротҳои оддитарини математикӣ, шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ, расмкашӣ, шаклҳои фаъолият-машғулиятҳои таълимӣ, бозикунӣ, ки ҳар яки онҳо ба иҷрои вазифаи муайян таълиму тарбиявӣ равона гардидаанд, тавзеҳ дода шудаанд. Махсусан, бозиҳои компютерии фикрӣ, ки ба рушди ақлию зеҳнии кӯдакон мусоидат менамоянд, дар таҳқиқот хеле арзишманд арзёбӣ гардидааст, ки истифодабарию ташкилёбии онҳо ҳам дар таҳқиқоти илмӣ ва ҳам таҷрибаи амалӣ эътироф карда шудаанд.

Коэффисенти нововарии педагогӣ бо истифода аз ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ муайян кардашуда, имкониятҳои истифодабарии компютер махсус таъкид гардидааст. Инчунин самтҳои асосии истифодаи он баррасӣ гардида, имкониятҳои истифодабарии намудҳои ТИИ аз тарафи мураббия тавзеҳ дода шудааст.

Татбиқи амалии истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар самтҳои зерин таҳқиқу баррасӣ гардидаанд:

Дар аввал усулҳои истифодаи ТИИ дар раванди кори таълиму тарбиявии муассисаҳои томактабӣ, ки ба онҳо мураббиёну волидон, инчунин худи кӯдакон дастрасӣ доранд. Дар ин амал ба риоя намудани қоида ва

усулҳои таъмин намудани бехатарии таҷҳизотҳои электронӣ, мувофиқат кардани онҳо ба хусусиятҳои синну солии кӯдакон, соҳаҳои истифода ва бартарияти онҳо аз усулҳои анъанавӣ тибқи таҳлилу натиҷагирӣ аз таҳқиқотҳои олимон, таҷрибаи амалии муассисаҳои томактабӣ пешкаш карда шудаанд. Дар ин раванд усулҳои истифодаи ТИИ аз тарафи мураббия барои муоширату ҳамкорӣ бо ҳамкасбон барои баланд бардоштани донишу маҳорати касбӣ, пешгирии бемориҳо, ҳаллу фасли мушкилот, робитаи мақсаднок бо волидон ва ғайраҳо рономбар намуда, зарурати ташкили сабти ном кардан дар шабакаи Фейсбук, сомонаи интернетӣ ҳамчун воситаи интиқолу қабули маълумотҳои корӣ таъкид гардидааст. Ҳангоми ташкилу баргузории кори озмоишӣ талаботҳои ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методии соҳаро ба ҳисоб гирифта арзишмандии истифодаи ТИИ дар машғулиятҳои таълимӣ собит карда шудааст.

Сониян ба ҳисоб гирифта шуд, ки дунёи рангину осебпазири кӯдакон ниёз ба риоя кардани талаботҳои психологӣ-педагогӣ ва бехатарии истифодабарии ТИИ дар машғулиятҳои таълимӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи онҳоро дар муассисаҳои томактабӣ ва хонавода талаб менамояд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ кушиш намудааст дар асоси омӯхтани коркард ва меъёрҳои талаботҳои умумӣ, техникӣ, тиббӣ-санитарӣ, психологӣ-педагогиро ҳангоми истифодабарии компютер аз тарафи кӯдак, истифодаи самарабахшии вақт ҳангоми бозиҳои компютерӣ, машқ додани чашмон (гимнастикаи чашм) пешгирию осебҳои ноаён (филму тасвир, наворҳои номатлуб), ки хасташавии руҳию равонӣ, ҳолату ҳиссиётҳои номбурдаро ба вуҷуд меоранд, махсус таъкид намудааст. Дар охир муҳаққиқ асосҳои назарияву амалии раванди тадбиқи ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ дар муқоиса ба кишварҳои соби қаъзои Иттиҳоди Шуравиро таҳлил намудааст. Аз таҳлил чунин бармеояд, ки новобаста ба он, ки дар кишвари мо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномавӣ-соҳавӣ (соҳаи маориф) арзи вуҷуд доранд, мушкилотҳои мавҷуда ҳангоми воридшавии ТИИ ба фазои таҳсилотии муассисаҳои таълимӣ сахми манфии худро мерасонанд. Ин мушкилоту норасоиҳо дар нархгузорӣ бо

истифодабарии шабакаи Интернетӣ, кофӣ набудани маблағгузорӣ барои харидорӣ ва таъминоти таҷҳизотии онҳо бо барномаи компютерии лозимӣ: сатҳу сифати омодагии ҳайати кормандон ба истифодаи ТИИ; махсусан нокифоя будани воситаҳои барномавии компютерӣ барои кӯдакони синни томактабиро ташкил медиҳанд.

Назарпурсии кормандони муассисаҳои томактабӣ ҷонибдории онҳоро бо истифодаи ТИИ тасдиқ мекунад, вале сатҳу сифати омодагии онҳо ба истифодаи тамудҳои технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ дар зинаи паст қарордорад.

Асосноккунии нуктаҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқ аз инҳо бармеоянд:

Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномавӣ-методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ, таҳқиқотҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки онҳо дар ҳаллу баррасии масъалаи мазкур дастовардҳо доранд омӯхта шудаанд, ки онҳо дар раванди кори диссертатсионӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Низоми аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ коркард ва асоснокшудаи арзишмандии истифодаи ТИИ, самтгирии ҷабҳаи таълимӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Омӯзиши назария ва амалияи истифодаи ТИИ имконият медиҳад, ки он дар доираи васеи фаъолияти таълиму тарбиявӣ, иҷтимоӣ-психологии кормандони муассисаҳои томактабӣ дар ҳамкорӣ боволидон, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо таври эҷодӣ истифода гардад.

Ҳангоми таҳия ва амали гардонии нақшаю барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии педагогӣ ба омода намудани мураббияҳо, психологҳо, кормандони мусиқӣ оид ба усулҳои истифодаи ТИИ дар раванди кори таълиму тарбиявӣ диққати махсус диҳанд.

Кормандони муассисаҳои томактабӣ дар ҳамкорӣ ва дастгирии кормандони Вазорати маориф ва илми идора, раёсат, Тоҷикистон, устодони коллеҷ ва донишгоҳҳои олии касбӣ, мураббиёни пешқадаму таҷрибадор ва дигар мутахассисону шахсони масъул барои таъмин намудани маводҳои

барномавӣ ва баланд бардоштани сатҳусифати маҳорати касбии худ дар самти истифодаи ТИИ кӯшиш намоянд.

**Арзиши илмӣ ва эътимоднокии диссертатсия**

Дар кори диссертатсионӣ асоснок карда шудаанд:

1. Заминаҳоимеъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномавӣ-методӣ ва илмию амалии ворид намудан ва истифодабарии ТИИ дар фаъолияти таълиму тарбиявии муассисаҳои томактабӣ вуҷуд доранд.
2. Истифодаи намудҳои ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ хусусиятҳои ба худ хос доранд ва самарабахшии онҳо ба омодагии касбии кормандон вобаста аст.
3. Аҳамиятнокии психологӣ-педагогӣ ва афзалияти истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баланд бардоштани сифати таълими кӯдакон, ки онҳо ҳама вақт иҷрои вазифаҳои тарбиявиро низ таъмин карда метавонанд, асоснок карда шудааст.
4. Роҳу усулҳои истифодаи ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ арзёбӣ гардидааст, кормандон метавонанд аз онҳо ба таври эҷодӣ истифода бурда, донишу маҳорати касбии худро такмил диҳанд ва болоравии сатҳу сифати дониши кӯдаконро таъмин намоянд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки мавод ва натиҷаҳои он барои коркарди минбаъдаи роҳу усулҳои истифодаи ТИИ мусоидат намуда, кормандони муассисаҳои томактабӣ бо истифода аз маводҳои компютерӣ, сомонаҳои иҷтимоӣ маҳорату малакаи касбии худро тақвият мебахшанд, ҷаҳонбинӣ ва салоҳияти касбии худро ташаккул медиҳанд.

Автореферат ва интишороти муҳаққиқ мазмуну муҳтавои кори диссертатсиониро фаро гирифта аст ва онҳо ҷавобгӯй ба талаботҳо мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои дар боло зикр гардида мо хостем таваҷҷуҳи диссертантро ба он камбудию норасоиҳо ҷалб намоем,ки дар матни диссертатсия арзи вуҷуд доранд:

1. Дар матни диссертатсия бисёртар ба нақши таълимии ТИИ таваҷҷуҳ додашуда аст, иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ, ба монанди азхудкунии одоби муошират, сифатҳои ахлоқӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб гирифта нашудаанд.
2. На дар ҳамаи саҳифаҳо сарчашмаи фикру андешаи муҳаққиқон оварда шудаанд, яъне кам нишон дода нашудааст. Масалан: саҳифаҳои 43, 84, 88, 101 ва ғайраҳо.
3. Хуб мешуд корҳои озмоишӣ на танҳо бо кӯдакони 5-7 сола, инчунин дар рафти баргузории машғулиятҳо тавассути бозӣ ва истифода аз проекторҳо бо намоиш додан аз масофаи дуртар (ҷиҳати ба саломатии кӯдакон зарар нарасонидан) ба кӯдакони 3-4 ва 4-5 сола низ баргузор гардида, фарқият ва умумияти донишомӯзии онҳо бо истифода аз ТИИ таҳлилу баррасӣ карда мешуд. Ҳамзамон омода намудани фитаҳои омӯзишӣ дар шакли овозӣ ва мусиқӣ барои истифода бурдан дар машғулиятҳои фаъолияти мусаввирӣ ба маврид мебошад.

Камбудию норасоиҳои зикргардида ҷабҳаи тавсиявӣ дошта, арзиши илмии кори диссертатсиониро паст намекунад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, директори
филиали "Муассисаи давлатии Донишкадаи
ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии
кормандони соҳаи маориф"-и шаҳри Душанбе Сафарализода С.С

*Имзои Сафарализода С.С -ро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
Муассисаи давлатии Донишкадаи
ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии
кормандони соҳаи маориф"-и шаҳри Душанбе Казаков М.